**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории Тоҷикистон бо як қатор сабабҳои объективӣ ва муҳим муқаррар карда шудааст. Ин як тасодуфи оддӣ нест, балки як падидаи мақсаднок аст, зеро молу мулки ғайриманқул объектҳои мушаххасро фаро мегирад, то лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ё аз як шахс ба шахси дигар гузаштан ба расмиёти муайян дучор мешавад. Ин арзёбӣ, марзкашӣ (танҳо ба қитъаҳои замин дахл дорад), баҳисобгирӣ ва бақайдгирӣ мебошад. Ҳамаи равандҳои пешниҳодшуда ба таври объективӣ заруранд, зеро маҳз ғайриманқул дар муқоиса бо дигар намудҳои объектҳои ҳуқуқи маданӣ (аз ҷумла ашёи манқул) арзиши хеле баланд дорад. Аз ин рӯ, баҳодиҳӣ, барои дуруст муайян кардани арзиш, баҳисобгирӣ барои назорат ва ғайра зарур аст. Молу мулк (аз ҷумла ғайриманқул) мавзуи бисёрҷабҳа ва мураккаб аст. Он аксар вақт муҳокима карда шуда, заминаи баҳсҳо мегардад. Ин қисман бо арзиши баланд ва мушкилоти муайяни марбут ба тарҳрезии як қатор объектҳо, муносибат бо онҳо вобаста аст. Ҳамаи амалиётҳои қаблан пешниҳодшуда (яъне баҳодиҳӣ, марзбандӣ, бақайдгирӣ ва ғайра) на танҳо хароҷоти муайянро талаб мекунанд, балки танзимро низ тақозо менамоянд.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз мураккабӣ ва серпаҳлу будани мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҳқиқотро дар сатҳи баланди илмӣ анҷом диҳад ва ноил гардидан ба ин ҳадаф ба ӯ муяссар шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ фарогири масъалаҳо ва пажӯҳишҳои илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва дигар паҳлуҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи маданӣ аст. Дар таҳқиқот актуалӣ будани мавзуъ, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, алоқамандии таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ асоснок гардидааст. Ҳамчунин, муаллиф мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян намуда, асосҳои методологӣ ва заминаҳои эмпирикӣ ошкор ва татбиқ намудааст. Аз таҳлили нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки дар автореферат оварда шудаанд, пайхас мегардад, ки онҳо навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд.

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ диссертант барои такмили қонунгузорӣ ва татбиқи дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таклифҳои амалӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Сохтори автореферати тақризшаванда аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, маводди илмӣ бо низоми муайяни мантиқӣ оварда шудаанд ва мақсаду ҳадафҳои таҳқиқот дар он инъикос ёфтааст.

Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, интишороти илмии довталаб, пешниҳоди маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф бобати ворид намудани тағйиру

иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини инкишофи бемонеаи муомилоти маданӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ истифода шуда метавонад.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалиро метавонад ба таври мусбат арзёбӣ намуд, зеро он яке аз аввалин пажӯҳишҳои илмӣ дар бораи реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул, махсусан таҳлили илмии реҷаи ҳуқуқи мадании қитъаи замин ва киштиҳои ҳавоӣ маҳсуб мегардад. Дар маҷмуъ, автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, баррасии масъалаҳои ба мавзуъ алоқаманд дорои ягонагии дохилӣ ва мантиқӣ мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ ва анҷомёфта будани диссертатсия, дар таҳқиқот баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар хулосаи дувоздаҳум пешниҳод менамояд, ки институти эскроу дар шартномаи сохтмони ҳиссагии молу мулки ғайриманқул барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мазкур истифода карда шавад. Асос ва зарурати пешниҳоди хулосаи мазкур дар чӣ аст? Оё механизмҳои мавҷудаи муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба таври пурра ҳимоя намудани ҳуқуқҳои тарафҳои шартномаи мазкурро надорад? Вобаста ба ин, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки масъалаи мазкурро дар ҳимояи ошкорои рисолаи илмӣ тавзеҳ диҳад.

Ҳамзамон, дар автореферат хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул баррасӣ шуда, (саҳифаҳои 15-16), вале, мафҳуми реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул оварда нашудааст. Аз ин рӯ, диссертантро зарур аст, ки дар оянда ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мафҳуми реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқулро пешниҳод намояд.

Эродҳои дар боло зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сифатнокии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намегардонанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А.Сидиқов

Имзои «Д.А.Сидиқов»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон А.Раҳимов

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН • МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ • МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

15.11.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, Тел.: (+992 37) 227-67-40, E-mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru